«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав
профессор Қурбонзода М.Р.
________________
аз «12» ___03___ 2026 с.

**ХУЛОСАИ**

**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

Диссертатсияи Исмоилзода А.Ш. дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» барои дарёфти номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) дар кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Исмоилзода А.Ш. унвонҷӯи кафедраи алгебра ва геометрия ба шумор мерафт.

Исмоилзода А.Ш. соли 2012 ба ихтисоси «Математика-информатика» - и МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дохил шуда, онро соли 2017 бо муваффақият хатм намудааст

Исмоилзода А. Ш. аз соли 2017 то ҳол дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба донишҷуён аз фанни алгебра ва назарияи ададҳо дарс медиҳад. Маълумоти мухтасар оид ба фаъолияти меҳнатии довталаб пешниҳод мегардад.

Номбурда бо фармоиши ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз № 39-фа 17.02.2022 с. ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи алгебра ва геометрия қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсионии Исмоилзода А.Ш. – «Аз таърихи назарияи ададҳои сода ва рушди он дар солҳои истиқлолият (1991-2020)» – дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30.03.2021 (суратҷаласаи №8) таҳти роҳбарии доктори илмҳои

педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи донишгоҳи мазкур Сатторов Абдурасул Эшбекович тасдиқ шуда буд. Бинобар сабаби мутобиқат шудани номи мавзуъ ба мундариҷаи кор ниёз ба ворид кардани ислоҳот дар номи мавзуъ ба миён омад. Дар асоси қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 24.02.2026 (суратҷаласаи №7), мавзуи илмии унвонҷӯи кафедраи алгебра ва геометрия аз нав бо унвони «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» тасдиқ гардид

Унвонҷӯ Исмоилзода А.Ш. имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб) санаи 17.06.2021, фалсафа ва таърихи илм бо баҳои 4 (хуб) санаи 31.01.2023 ва имтиҳон аз рӯйи ихтисосро бо баҳои 5 (аъло) санаи 10.04.2024 дар «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» супоридааст.

Диссертатсияи унвонҷӯ Исмоилзода А.Ш. дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табииётшиносӣ, риёзӣ ва таърихи илму техника ва кафедраи алгебра ва геометрияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз «18» марти соли 2026, № 8 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) мувофиқ буда, муҳтавои диссертатсия низ ба он мувофиқ мебошад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурӣ.** Мавзуи интихобнамудаи

Исмоилзода А.Ш. яке аз мавзуҳои муҳим математика (назарияи ададҳои сода) ба ҳисоб меравад, зеро назарияи ададҳои сода аз замонҳои қадим ҳамчун муаммо ба риёзидонон буда, барои ҳосилкунии ададҳои сода аз қатори ададҳои натуралӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд. Яке аз корҳои олимони замони қадим ба монанди математики юнонӣ Евклид (асри 3 пеш аз милод), ки мавҷудияти маҷмуи беохири ададҳои содаро исбот кардааст ва математик, нуҷумшиноси дигари юнонӣ Эратосфен (солҳои 276-193 то мелод), ки усули одии сохтани ҷадвали ададҳои содаро пешниҳод кардааст. Усули пешниҳодкардаи Эратосфен дар математика бо номи «Ғалбери Эратосфен» маълум аст.

Таҳқиқ ва рушди назарияи ададҳои сода дар асрҳои XVI-XVIII дар Аврупо бо суръати баланд рушд ёфт. Дар ин самт, дастовардҳои олимони шинохтаи Аврупо ба монанди М. Мерсенн, П. Ферма, Л. Эйлер, Х. Голдбах, Ж.Л. Лагранж, Э. Варинг, Г.Ф. Лейбнитс, Е. Люк, Д.Г. Лемер ва даҳҳо дигаронро қайд намудан бо маврид аст.

Дар замони шуравӣ низ таҳқиқи назарияи ададҳои сода дар корҳои математикони шинохта И.М. Виноградов, Н.Г. Чудаков, К. Каратсуба, А.А. Бухштаб ва дигарон идома ёфта, онҳо дар ин самт ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд.

Дар замони истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ проблемаҳои назарияи ададҳои сода инкишоф ёфта, натиҷаҳои назаррас аз тарафи олимони барҷастаи тоҷик, ба монанди академик З.Ҳ. Раҳмонов ва шогирдони ӯ Ҷ.А. Шокамолова, Д.М. Фозилова, А.О. Раҳимов, Ш. Ҳ. ва даҳҳо дигарон таҳқиқ гардидаанд ва ин раванд алҳол низ идома дорад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия.** Натиҷаҳои илмии унвонҷӯ дар 22 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии воридшуда ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 адад дастури таълимӣ, 1 адад ёрии

методӣ ва 14 мақолаи боқимонда дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд. Ин мақолаҳо маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, амалӣ ва байналмилалиро ташкил медиҳанд. Мазмуни интишорот бо муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқ буда, теъдоди он ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) мувафиқ мебошад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Ба ҳайси муассисаи пойгоҳӣ Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табииётшиносӣ, риёзӣ ва таърихи илму техникаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» интихоб гардида буд. Натиҷаи илмии таҳқиқот дар муассисаи мазкур татбиқ гардида, хулосаи он дар кори диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд. Аз ҷониби муассисаи болозикр ба унвонҷӯ маълумотнома ва санадҳои татбиқ дода шудааст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузориш дар семинару ҷаласаҳои кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва дар семинари илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табииётшиносӣ, риёзӣ ва таърихи илму техникаи назди Донишгоҳ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар Донишгоҳҳои Бохтар, Хуҷанд, Кӯлоб, Душанбе ва дар шаҳри Қазон (Федератсияи Россия) баррасӣ гардидаанд. Бахше аз натиҷаҳои пажӯҳишот инчунин муҳокима гардидаанд.

Диссертатсияи Исмоилзода А.Ш. дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи унвонҷӯ Исмоилзода А.Ш. аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзӯъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ Исмоилзода А.Ш. 22 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 - то дар маҷалаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,06 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. *Исмоилов А.Ш.* Аз таърихи муайянкунии ададҳои сода [Матн] / А.Ш. Исмоилов, А.Э. Сатторов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои табиӣ, ISSN 2663-6417) – Бохтар, 2021. – № 2/2 (87). – С. 88-91.
2. *Исмоилов А.Ш.* Аз таърихи ҷудокунии ададҳои сода [Матн] / А.Ш. Исмоилов, А.Э. Сатторов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои табиӣ, ISSN 2663-6417). – Бохтар, 2021. – № 2/3 (90). – С. 107-110.
3. *Исмоилов А.Ш.* Аз таърихи такмили усули «Ғалбери Эратосфен» [Матн] / А.Ш. Исмоилов // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав (силсилаи илмҳои табиӣ, ISSN 2663-6417). – Бохтар, 2023. – № 2/2 (111). – С. 94-97.
4. *Исмоилов А.Ш.* Аз таърихи такмилёбии назарияи тақсимшавии асимптотии ададҳои сода [Матн] / А.Ш. Исмоилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – № 4. – С. 285-291.
5. *Исмоилов А.Ш.* Аз таърихи муаммои назарияи аддитивии ададҳои сода [Матн] / А.Ш. Исмоилов, А.Э. Сатторов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. –№ 6 қисми 1. – С. 208-214.
6. *Исмоилзода А.Ш.* Таҳқиқотҳо оид ба назарияи ададҳои сода дар солҳои истиқлолият [Матн] / А.Ш. Исмоилзода // Паёми ДДБ ба номи

Носири Хусрав (силсилаи илмҳои табиӣ, ISSN 2663-6417). – Бохтар, 2026. – № 2. – С. 93-99.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷалаҳои дигар:**

1. *Исмоилов А.Ш.* Вопросы арифметики в трудах средневековых персидско-таджикских ученых. Труды Математического центра имени Н. И. Лобачевского. Т. 65 / Материалы Всеросийской школы-конференции «Лобачевские чтения». – Казань: Изд-во КФУ, 2022. –Т. 65. – С. 64-68.

2. *Сатторов А.Э.* Корҳои олимони асримиёнагии форсу тоҷик дар самти назарияи ададҳо [Матн] / А.Э. Сатторов, А.Ш. Исмоилов // Маводи конференсияи илмӣ-назарявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Абурайҳони Берунӣ дар таърихи тамаддуни форс –тоҷик», бахшида ба 1050-солагии мутафаккири бузург. – Бохтар, 2023. – С. 71-74.

3. *Исмоилов А.Ш.* О геометрических исследованиях аль-Кушчи. Сборник содержит материалы Всеросийской школы-конференции «Лобачевские чтения - 2023», организованной на базе Института математики и механики им. Н.И. Лобачевского Казанского (Приволжского) федерального университета. Школа-конференция проведена в Казани с 27 ноября по 1 декабря 2023 года. – Казань, 2023. – С. 96-99.

4. *Сатторов А.Э.* Аз таърихи такмилёбии назарияи ададҳои сода. [Матн] / А.Э. Сатторов, А.Ш. Исмоилов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва 70-солагии доктори илмҳои физика-математика, профессор Байзоев Саттор. – Хуҷанд, 2024. – С. 364-367.

5. *Исмоилов А.Ш.* Назарияи ададҳои сода ва рушди он дар асрҳои миёна. Матн] / А.Ш. Исмоилов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои муосири математика ва таълими он» бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) ва 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (31 майи соли 2025). – С. 353-354.

Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табииётшиносӣ, риёзӣ ва таърихи илму техникаи ва кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода А.Ш. дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика)

мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода, дар асоси маърӯзаи унвонҷӯ, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, натиҷаҳои ба даст овардаи таҳқиқот, хулосаҳои мусбати муқарризон, роҳбари илмии довталаб ва ибрози андешаи мусбати музокирачиён оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ

**ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Исмоилзода А.Ш. дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) кори таҳқиқи анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Исмоилзода А.Ш. дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди назарияи ададҳои сода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.1. Таърихи илму техника (математика) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи муштараки ғайринавбатии Институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табииётшиносӣ, риёзӣ ва таърихи илму техника ва кафедраи алгебра ва геометрия санаи 11 марти соли 2026 қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 18 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 18 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа: директори институти илмӣ-таҳқиқотии илмҳои табииётшиносӣ, риёзӣ ва таърихи илму техника, н.и.ф-м., дотсент — Сайдалиев Ҳ.П.

Котиби ҷаласа: — Мирзораҳимов Ш.Ҳ.

Имзоҳои н.и.ф.м., дотсент Сайдалиев Ҳ.П. ва н.и.ф.м. Мирзораҳимов Ш.Ҳ. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» — Нажмидинов М.М.
«12» 03 2026 с.